**3607/7.1 аз 31.03.2015**

**Мақомоти ҳудудии андоз**
**Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ**

*“Доир ба татбиқи дурусти тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015 №1188 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки мавриди амал қарор додани он аз санаи 01.01.2015 муқаррар гардидааст.

**Ба мақомоти ҳудудии андоз дастур дода мешавад, ки татбиқи амалии тағйиру иловаҳои воридгардидаро тибқи тартиби зерин анҷом диҳанд:**

1. Ба истиснои тағйиру иловаҳои ба қисми 4 моддаи 169 ва қисми 2 моддаи 312, қисми 4 моддаи 200 ва моддаи 279 Кодекси андоз воридшуда, дигар тағйиру иловаҳо аз санаи **01.01.2015** амалан татбиқ карда мешаванд;
2. Тағйироти ба қисми 4 моддаи 169 ва қисми 2 моддаи 312 воридшуда (оид ба сохтмони объектҳои махсусан муҳим) аз санаи **01.01.2014** амалан татбиқ карда мешавад;
3. Тағйиру иловаҳои ба қисми 4 моддаи 200 (меъёри андози аксизӣ барои хизматрасониҳои алоқаи барқӣ) ва моддаи 279 Кодекси андоз (меъёрҳои андоз аз объектҳои ғайриманқули дар фаъолияти соҳибкорӣ ва барои дигар мақсадҳо истифодашаванда) воридшуда, бо назардошти талаботи моддаи 45 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 3 моддаи 63 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз санаи ба имзорасии Қонун (**19.03.2015)** амалан татбиқ карда мешавад.

Тибқи Қонуни мазкур ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид гардид, аз ҷумла:

1. Ба зербанди а) банди 28 моддаи 17 пас аз калимаҳои “гирифтааст” калимаҳои “, Агар дар мӯҳлати шаш моҳи тақвимӣ пас аз соли ҳисоботӣ доир ба истифодабарии фоидаи баъди андозбандӣ боқимонда қарори дахлдор қабул нашуда бошад, новобаста ба истифодабарии минбаъдаи он барои мақсадҳои андозбандӣ фоидаи мазкур байни саҳмдорон (иштирокчиён) тақсимшуда ҳисобида мешавад” илова карда шудааст.

Яъне, бо мақсади назорати даромади муассисон нисбат ба истифодабарии фоидаи софи баъди андозбандӣ боқимонда ва таъмини истифодабарии мақсадноки он пешбинӣ шудааст, ки дар ҳолати бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон (иштирокчиён) дар мӯҳлати шаш моҳи тақвимӣ (пас аз соли ҳисоботӣ) муайян накардани самтҳои истифодабарии фоидаи соф, барои мақсадҳои андозбандӣ, он ҳамчун суди саҳмияи миёни саҳмдорон (иштирокчиён) тақсимшуда ба ҳисоб рафта, тибқи моддаи 126 Кодекси андоз мавриди андозбандӣ қарор дода мешавад.

2. Бо мақсади пешгирии саркашӣ аз андозсупорӣ нисбати ширкатҳое, ки дар минтақаҳои оффшорӣ ба қайд гирифта шуда, дар ширкатҳои ватанӣ ҳисса доранд ва (ё) бо ширкатҳои ватанӣ ҳамкорӣ менамоянд, дар Кодекси андоз маҳдудкуниҳои андозӣ пешбинӣ карда шуд.

Вобаста ба ин ба моддаи 17 Кодекси андоз банди 54) дар таҳрири зерин илова гардида, мафҳуми “минтақаи оффшорӣ” бо мақсадҳои андозбандӣ шарҳ дода шуд:

“54) Минтақаҳои оффшорӣ - давлатҳо ва (ё) ҳудуде, ки ба ғайрирезидентҳо (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ) низоми имтиёзноки андозсупориро пешниҳод менамояд ва (ё) ошкор ва пешниҳоди маълумотро доир ба амалиётҳои бо маблағ ва дигар молу мулк гузаронидашуда пешбинӣ намекунад. Барои мақсадҳои андозбандӣ номгӯи минтақаҳои оффшориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи пешниҳоди мақоми ваколатдори муқовимат бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (Бонки миллии Тоҷикистон) муайян менамояд.”

Тибқи тағйироти ба сархати чоруми қисми 4 моддаи 23 Кодекси андоз воридгардида тартиби андозбандӣ ва маблағи андози корхонаҳои резидентие, ки бо корхонаҳои резидентии ҳиссаи (саҳми) иштирокчии минтақаи оффшорӣ дошта ва (ё) бо шахсони дар минтақаҳои оффшорӣ бақайдгирифташуда амалиёт (аҳд) анҷом додаанд, бо усули мустақим ё ғайримустақим, яъне дар асоси дороиҳо, муомилот, хароҷоти истеҳсолӣ, муқоиса бо андозсупорандаи шабеҳ, муоинаи хронометражӣ ва ғайра муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, ба қисми 1 моддаи 126 маҳдудият гузошта шудааст, ки тибқи он имтиёзи озод будан аз пардохти андоз аз суди саҳмияҳое, ки корхонаҳои резидентӣ ба корхонаҳои резидентӣ мепардозанд, нисбати корхонаҳои резидентии ҳиссаи (саҳми) иштирокчии минтақаи оффшордошта, татбиқ намегардад.

3. Дар қисми 1 моддаи 67 калимаҳои «аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) ба суратҳисобҳои буҷети дахлдор пардохт шаванд» ба калимаҳои «пардохт карда, тибқи қонунгузорӣ дар бораи буҷети давлатӣ байни буҷетҳои дахлдор аз ҷониби сохторҳои хазинадории мақомоти молияи дахлдор тақсим карда шаванд» иваз карда шуд. Яъне, минбаъд маблағи андозҳо аз ҷониби

андозсупорандагон танҳо ба як суратҳисоб (буҷети маҳаллӣ) пардохт гардида, аз ҷониби раёсатҳои хазинадории Вазорати молия тибқи талаботи қонунгузории буҷет ба буҷетҳои дахлдор ҳиссаҷудокунӣ карда мешавад.

4. Дар қисми 4 моддаи 70 калимаҳои "озод намекунад" ба калимаҳои "озод мекунад" иваз карда шуд. Яъне, минбаъд нисбати қарзҳои андозие, ки пардохт намудани онҳо ба таъхир гузошта шудааст (тамдид карда шудааст), фоизҳо (пеня) ҳисоб карда намешавад.

5. Тибқи тағйироти воридгардида қисми 1 моддаи 71 (пӯшонидани уҳдадорихои андозӣ) дар таҳрири зерин баён карда шуд:

- маблағи андозҳои ҳисобшуда (иловагӣ ҳисобшуда);
- фоизҳои ҳисобшуда;
- ҷаримаҳои ҳисобшуда.

6. Ба қисми 3 моддаи 72 Кодекси андоз тағйирот ворид гардид, ки тибқи он мӯҳлати огоҳиномаи аввал оиди саривақт пардохт накардани андозҳо аз 10-рӯза ба 20-рӯза иваз карда шуда, огоҳиномаи такрорӣ хориҷ карда шуд. Яъне, минбаъд ба андозсупоранда оиди иҷро намудани ӯҳдадориҳои андозиаш як маротиба огоҳинома равон карда шуда, дар сурати дар давоми 20-руз аз тарафи андозсупоранда пардохт нагардидани қарзҳои андозӣ, нисбат ба чунин андозсупоранда чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо татбиқ карда мешавад.

7. Ба зербанди б) банди 7) моддаи 104 пас аз калимаҳои "ғайриманқул" калимаҳои "(ба истисноӣ объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда)" илова карда шуд. Яъне, минбаъд новобаста аз муҳлати дар ихтиёр доштан, ҳангоми бегона кардани (фурӯхтани) объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда андоз аз даромади шахсони вокеӣ ситонида мешавад.

Илова ба ин, ба зербанди в) банди 8) моддаи 104 тағйирот ворид гардида тибқи он банди нав дар таҳрири зерин илова карда шуд:

«в) фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;»

Бо ворид гардидани тағйироти мазкур муқаррарот оид ба андозбандии даромад аз фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо мукаммал карда шуд.

Ҳамзамон, аз банди 11) моддаи 104 калимаҳои "(ба истисноӣ Хадамоти давлатии "Муҳофиза")" хориҷ карда шуд, ки минбаъд даромадҳои дар шакли музди меҳнат бадастовардаи кормандони Хадамоти давлатии "Муҳофиза" бо андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ андозбандӣ карда намешаванд

8. Ба қисми 5 моддаи 107 сархати 2) ва ба моддаи 294 қисми 3 илова карда шуд, ки тибқи он кӯмакҳои молиявие (субсидияҳое), ки муассисаҳои давлатии фарҳангӣ то 1 январи соли 2018 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории фаъолияти худ мегиранд, барои мақсадҳои андоз аз фоида ва андози низоми соддакардашуда ба даромади умумии муассисаҳои давлатии фарҳангӣ дохил карда намешавад.

9. Тибқи тағйиру иловаҳои ба моддаҳои 109, 110, 156 ва 158 воридгардида фоидаи тавозунии воқеан бадастовардаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун андоз аз фоида ба буҷет аз рӯи манбаъ ва меъёрҳое, ки дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» муқаррар шудаанд (на кам аз 30 фоиз), пардохта мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон Эъломия оид ба фоидаи воқеии ба Буҷети давлатӣ пардохтшавандаро, то 1 августи соле, ки баъди соли ҳисоботӣ фаро мерасад, пешниҳод намуда, дар ҳамн мӯҳлат маблағи андозро пардохта менамояд.

10. Ба қисми 3 моддаи 169 ва қисми 1 моддаи 172 пас аз калимаҳои “истеҳсолшаванда” ва “истеҳсолшуда” калимаи “пилла” илова карда шуд, ки тибқи он минбаъд содироти пилла низ аз андоз аз арзиши иловашуда озод мегардад.

11. Дар қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз пас аз калимаҳои “корхонаҳои сохтмонӣ” калимаҳои “муассисаҳои таълимӣ” илова карда шуд. Яъне, минбаъд то 01.01.2016 муассисаҳои таълимӣ андоз аз арзиши иловашударо на ин ки бо меъёри 18 фоиз (стандартӣ), балки бо меъёри 5 фоиз (пасткардашуда) ҳисоб ва пардохт намуда, ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашудаи пардохтнамудаашонро надоранд.

Бинобар ин, муассисаҳои таълимиро зарур аст то санаи 15 - уми моҳи минбаъдаи мавриди амал қарор гирифтани тағйироти мазкур мутобиқ ба талаботи сархати 7) қисми 5 моддаи 183 Кодекси андоз оид ба андозҳои баҳисобгирифтаашон бо меъёри 18 фоиз эъломияи иловагӣ пешниҳод намуда, маблағи ҳангоми хариди молҳо баҳисобгирифтаи андоз аз арзиши иловашударо, бекор намоянд.

12. Тибқи тағйироти ба қисми 4 моддаи 200 воридгардида, меъёри андози аксиз барои намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ аз 3 фоиз ба 5 фоиз иваз карда шуд.

13. Дар қисми 1 моддаи 225 пас аз калимаҳои “пардохт мешавад” калимаҳои “, агар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад” илова карда шуд. Бо назардошти тағйироти воридгардида, минбаъд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мӯҳлати пардохти бонуси обунавиро, ки дар моддаи 225 пешбинӣ гардидааст, тағйир диҳад.

14. Ба моддаи 267 сархати чорум илова карда шуд, ки тибқи он воситаҳои нақлиёти ҳарбии махсус ва техникаи ҳарбии махсуси ба ҳисоб гирифташуда аз пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт озод карда шуданд.

15. Тибқи тағйироти воридгардида сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва шашуми қисми 2 моддаи 279 дар таҳрири зерин баён карда шуд:

«- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани **фаъолияти савдо, ташкили нуктаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда** то 250 метри мураббаъ - ба андозаи 12,75 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб – ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани **фаъолияти савдо, ташкили нуктаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасониҳо ва иҷрои корҳо истифодашаванда** масоҳати боқимондаашон зиёда аз 250 метри мураббаъ - ба андозаи 15 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб – ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани **дигар намуди фаъолият истифодашаванда** то 200 метри мураббаъ - ба андозаи 9 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб - ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани **дигар намуди фаъолият истифодашаванда** масоҳати боқимондаашон зиёда аз 200 метри мураббаъ - ба андозаи 12 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб– ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур.»;

Мутобиқ ба тағйироти воридгардида таъиноти истифодабарии молу мулки ғайриманқул мукаммал карда шуд. Яъне, тибқи талаботи моддаи 279 Кодекси андоз объектҳои ғайриманқул вобаста ба таъиноти истифодабариашон ба се гурӯҳ ҷудо карда шуда, ба ҳар як гуруҳ меъёрҳои алоҳидаи андоз пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла молу мулки ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда, объектҳои ғайриманқули барои амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда, инчунин молу мулки ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифодашаванда.

Ҳамзамон, дар асоси тағйироти ба моддаи 279 воридгардида меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул барои объектҳое, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб ҷойгир буда, барои амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда, инчунин объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифодашаванда, бо меъёри дукаратаи меъёрҳои дар сархатҳои сеюм, чорум, панҷум ва шашуми қисми 2 моддаи 279 пешбинигардида андозбандӣ карда мешаванд. Бо назардошти давраҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз вобаста ба ҳисоб ва пардохти андози мазкур бо татбиқи амалии ин муқаррарот чунин сурат мегирад:

**Мисоли 1:** Барои объекти гайриманкул дар шаҳри Душанбе, ки барои амали намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасониҳо ва иҷрои корҳо истифодашаванда, дар сурати 1000 м.м. будани масоҳати бино андоз аз объектҳои ғайриманқул бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад.

**Тибқи меъёрҳои қаблӣ:**

1) 1000м.м – 250м.м = 750м.м.;
2) 250м.м. х 40(нишондиҳанда барои ҳисобҳо)х12,75%(меъёри андоз)=1275 сомонӣ;
3) 750м.м. х 40(нишондиҳанда барои ҳисобҳо) х 15%(меъёри андоз) = 4500 сомонӣ;
4) 1275+4500=5775 х 1,0(коэффисенти минтақавӣ)=5775 сомонӣ.

**Бо дарназардошти тағйиру иловаҳо:**

5) 5775 х 2(меъёри 2 каратаии пешбинигардида)=11550 сомонӣ.

Азбаски тағйиротҳо вобаста ба зиёд гардидани меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул аз 1 апрели соли 2015 мавриди амал қарор гирифтаанд, бинобар ин маблағи андоз дар соли 2015 барои объекти зикргардида бо дарназардошти тағйиротҳо на ин ки 11550 сомонӣ балки 10106,25 сомониро ташкил медиҳад.

1) 5775 сомонӣ (маблағи солонаи андоз аз объектҳои ғайриманқул **тибқи меъёрҳои қаблӣ**) : 12(моҳ) х 3(моҳ) = 1443,75 сомонӣ;

2) 11550 (маблағи солонаи андоз аз объектҳои ғайриманқул **тибқи меъёрҳои нав**) : 12(моҳ) х 9(моҳ) = 8662,5 сомонӣ;

3) 1443,75+8662,5=10106,25 сомонӣ (маблағи солона тибқи меъёрҳои қаблӣ ва нав).

**Мисоли 2:** Барои объекти гайриманкул дар шаҳри Душанбе, ки оид ба амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифода мешаванд, дар сурати

800 м.м будани масоҳати бино андоз аз объектҳои ғайриманқули он бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад.

**Тибқи меъёрҳои қаблӣ:**

1) 800м.м. - 200м.м. = 600м.м.;
2) 200м.м. x 40(нишондиҳанда барои ҳисобҳо) x 9%(меъёри андоз) = 720 сомонӣ;
3) 600м.м. x 40(нишондиҳанда барои ҳисобҳо) x 12% (меъёри андоз)= 2880 сомонӣ;
4) 720 + 2880 = 3600 x1,0 (коэффисенти минтақавӣ) =3600 сомонӣ.

**Бо дарназардошти тағйиру иловаҳо:**

6) 3600 x 2(меъёри 2 каратаи пешбинигардида) = 7200 сомонӣ.

Азбаски тағйиротҳо аз 1 апрели соли 2015 мавриди амал қарор гирифтаанд, бинобар ин маблағи андоз дар соли 2015-ум барои объекти зикргардида бо дарназардошти тағйиротҳо 6300,0 сомониро ташкил медиҳад.

1) 3600 сомонӣ(маблағи солонаи андоз аз объектҳои ғайриманқул тибқи меъёрҳои қаблӣ) :12(моҳ) x 3(моҳ) = 900 сомонӣ;

2) 7200 сомонӣ(маблағи солонаи андоз аз объектҳои ғайриманқул **тибқи меъёрҳои нав**) :12(моҳ) x 9(моҳ) = 5400 сомонӣ;

3) 900 +5400 = 6300 сомонӣ(маблағи солона тибқи меъёрҳои қаблӣ ва нав).

Тағйиру иловаҳои дигаре, ки ба моддаҳои 89, 169, 273, 291 ва 312 ворид гардида, хусусияти таҳрирӣ доранд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандонро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, доир ба он семинарҳои омӯзишӣ гузаронанд. Инчунин бо андозсупорандагон корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ доир намуда, моҳияти тағйиру иловаҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015, №1188 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардидаро ба онҳо расонанд ва аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда протоколҳо тартиб дода, нусхаи онро тибқи тартиби муқарраргардида ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Замима: Нусхаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 18.03.2015, №1188 дар ҳаҷми ____ варақ.

Раис Н. Давлатзода